## ТАҚРИЗ

ба автореферати диссертатсияи Бобоева Иноятхон Асроровна дар мавзуи "Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII зимни таълими осори классикон дар дарсҳои адабиёти тоҷик", ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01 – Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) пешниҳод гардидааст.

Роҳи асосии бозсозии муассисаҳои таълимӣ дар шароити ҳозира ба демократикунонӣ ва гуманитарикунонии дониш, роҳандозии тарҳи нав дар раванди таълиму тарбия асос меёбад. Усули тадрис, бахусус, адабиёт, ки пайваста бо донистан ва шинохтани инсон машғул аст, бояд шогирдонро дар ҳамин равиш ҳидоят созад ва салоҳиятноку соҳибмухтор намояд. Таҳаммулпазирӣ аз унсурҳои асосии омодашавии насли наврас ба зиндагӣ дар фазои гуногунфарҳангӣ, мадоро бо инсонҳои гуногунхислат ва масъулияти шаҳрвандӣ маҳсуб ёфта, ҳамон вақт ба зинаи баланд мерасад, ки агар аз муҳтавои асосии асарҳои мутаффакирони гузаштаву ҳозира ба таври бояду шояд бархурдор бошанд.

Диссертатсияи номзадии Бобоева Иноятхон Асроровна, ки дар мавзуи "Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII зимни таълими осори классикон дар дарсҳои адабиёти тоҷик" бахшида шудааст, аз ҷумлаи ҳамон гуна таҳқиқоте маҳсуб меёбад, ки, агар усулҳои судманди истифодаи мероси адабии бузургони адабиёти классикии форсу тоҷик зимни таълими фанни "Адабиёти тоҷик" дар зинаи хониши адабӣ бо мақсади ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии муҳассилин равона гардида бошад.

Диссертатсия дар доираи муқаддима, ду боб, 6 фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда фароҳам омада, дар муқаддима зарурати илмиву амалии таҳқиқ, дараҷаи омӯхта шудан, мақсаду

вазифаҳо, инчунин, асосҳои методологии таҳқиқот ва марҳилаҳои анҷоми он мушаххасу дақиқ баён гардидааст.

Дар боби аввал, ки “Асосҳои педагогиву психологии ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирӣ ва нақши он дар тарбияи хонандагони синфҳои V-VII” унвон дорад, ҷанбаҳои назариявии таҳаммулпазирӣ дар фарҳангҳо, ҳуҷҷатҳои умумибашарӣ ва тадқиқоти пажӯҳишгарон дар иртибот ба масоили таҳаммулпазирӣ мавриди баррасӣ қарор гирифта, ҳамзамон, адабиёти илмӣ ва педагогиву психологӣ оид ба мавзуи тадқиқот, инъикоси ҷанбаҳои назариявии таҳаммулпазирӣ дар барнома ва китобҳои дарсӣ низ ба таври матлуб ба риштаи таҳлил кашида шудааст.

Боби дуюм, ки зери унвони “Вижагиҳои педагогии ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирӣ дар хонандагони синфҳои V-VII” пешниҳод гардидааст, дар он роҳу усулҳои таълими маводи китобҳои дарсии адабиёти тоҷик барои синфҳои V-VII аз осори намояндагони барҷастаи адабиёти классикии тоҷик, чун Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Абулқосим Фирдавсӣ, Саъдии Шерозӣ, Мавлонои Балхӣ ва дигарон, ки дорои мазмунҳои талқин ва ифодакунандаи таҳаммулпазирианд, пешниҳод шудааст. Бахусус, шарҳи маъноии калимаҳои душворфаҳм ва мазмуни ҳар як байту порчаҳо, ки аз осори манзуму мансур баргузида шудаанд, беҳтарин раҳнамо барои омӯзгорон мебошад. Ҳамзамон, тавсияҳо барои хониши беруназсинфӣ, беруназмактабӣ ва пешниҳоди мушаххаси онҳо дар доираи ҷадвалҳо, ки натиҷаи таҷрибаҳои муаллиф ҳастанд, арзиши муҳимми амалӣ доранд. Ҳамчунин, натиҷаи озмоишҳои таъсисдодаи диссертант бозгӯи онанд, ки ҷалби хонандагон ба хонишҳои мустақилонаи мероси адабии классикони адабиёти форсу тоҷик боиси афзудани шавқу рағбати онҳо ба китобу китобхонӣ, баланд бардоштани донишу маърифати онҳо мусоидат намуда, дар баробари ин, ба тафаккури ахлоқии онҳо низ минбаъд таъсиргузор хоҳад буд.

Ниҳоят, метавон таъкид намуд, ки хулосаҳои илмии рисола муҳимтарин комёбиҳои диссертантро, ки аз таҳқиқи мавзуъ ва натиҷаҳои озмоишҳои амалии дар мактабҳои базавӣ ба даст омадаанд, фаро гирифтаанд.

Хуллас, кори диссертатсионии Бобоева Иноятхон Асроровна дар мавзуи "Ташаккули хислатҳои таҳаммулпазирии хонандагони синфҳои V-VII зимни таълими осори классикон дар дарсҳои адабиёти тоҷик" тадқиқоти анҷомёфта маҳсуб шуда, ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯйи ихтисоси 13.00.01.- Педагогикаи умумӣ, таърихи педагогика ва таҳсилот (илмҳои педагогӣ) ҷавобгӯ мебошад.

Доктори илмҳои педагогӣ,
саркотиби илмии Академияи
таҳсилоти Тоҷикистон Каримзода М.Б.

1. 02. 2023.

**Маълумот барои тамос:** 734063, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 126. Тел. 225-84-22; 225-84-23; Моб. (+992)900853535;
E-mail: takmil-bbk@mail.ru

Имзои М.Б.Каримзодаро тасдиқ менамоям:

Мудири бахши кадрҳо
ва коргузории Академияи таҳсилоти
Тоҷикистон М. Саидова

ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН. АКАДЕМИЯИ ТАҲСИЛОТИ ТОҶИКИСТОН • РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН. АКАДЕМИЯ ОБРАЗОВАНИЯ ТАДЖИКИСТАНА • ШӮЪБАИ КАДРҲО ОТДЕЛ КАДРОВ